# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи "Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология**

Ташккули нутиқ кӯдак дар илми забоншиносии тоҷик падидаи нав буда, бо номи онтолигвистика маъмул аст. Илми онтолингвистика асосан ба шаклгирии овозҳо, ташаккули нутқ ва фаъолияти гуфтории кӯдакон аз синни якмоҳагӣ то синни шашсолагиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар диссертатсия худ Сайдалиева М. бори нахуст шаклгирии нутқи кӯдакро ба таври густарда ва бунёдӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст, ки шаклгирии овозҳо ва нутқи кӯдаконро дар забоншиносии тоҷик нишон медиҳад. Ғайр аз ин омилҳои фарогири забони кӯдакон, вижагиҳои овозӣ, сарфиву наҳвӣ, луғавӣ ва калимасозиву қаринасозӣ таҳқиқ шудааст.

Аз фишурдаи кор аён аст, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёту манбаъ ба шакл даровардааст, ки комилан дуруст аст.

Дар муқаддима тибқи муқаррарот аҳамияти мавзӯи таҳқиқ асоснок ва дараҷаи омӯзиши он баррасӣ шудааст, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои он, методология ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариву амалии диссертатсия ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шуда, татбиқи кор тавсиф шудааст.

Дар боби якум, ки **"Ташаккул ва инкишофи илми онтолингвистика"** унвон дорад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар заминаи адабиёти назариявӣ, ба таври хронологӣ таҳқиқотҳои аввалини ташакули нутқи кӯдакро, ки аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ҳамзамон равишҳои омӯзиши ташаккули нутқи кӯдак аз ҷониби олимони русро бо назари иҷмолӣ ба сайри таърихии омӯзиши онтолингвистика сурат гирифтаанд, нишон додааст. Омӯзиши диссертант нишон медиҳад, ки даврахои ташаккул ва инкишофи омӯзиши нутқи кӯдак дар сатҳи гуногун вуҷуд доштанд.

Дар боби дуюм, ки **"Ташаккул ва инкишофи нутқи кӯдак"** номида шудааст, муалиф моро ба давраҳои инкишофи нутқи кӯдакон, шаклгирии нутқ, омилҳои нутқ ва қонуниятҳои шаклгирии тавонмандии комуникативӣ баррасӣ шудаанд, ошно месозад. Маллифи диссертатсия ҳар як давраи инкишофи нутқи кӯдакро аз рӯйи таснифоти муҳаққиқон

бо нишондоди мисолҳо ва таҷрибаву мушоҳидаҳояш ба риштаи таҳлил кашида аст.

Боби сеюми диссертатсия, ки "**Таҳлили забонии нутқи кӯдак**" ном дошта, дар он вижагиҳои фонетикӣ, таркиби луғавии нутқи кӯдак, маҳорати фарогирии грамматика ва вижагиҳои сарфию наҳвии нутқи кӯдакон баррасӣ шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар нутқи кӯдакон аввал вокалҳо ва баъд консонантҳо пайдо мешаванд ва дар марҳилаи баъдӣ кӯдакон ҳиҷоҳоро фарқ мекунанд, грамматикаи нутқи кӯдак дар 3-солагӣ ба шаклгирӣ оғоз мекунад, ки заминаҳояш аз овони даври навзодӣ шурӯъ мешавад.

Диссертант малака ва тавонмандии забонро дар фарогирии забонӣ нақши муҳим медонад, зеро кӯдакон назар ба калимаҳои фарогирифтаашон мафҳуму амалу воситаҳои коммуникативиро бештар аз худ мекунанд. Инчунин, дар муаллиф дараҷаи шинохт ва корбурди навъҳои ҷумлаҳои нутқи кӯдак, ки бештарашон ҷумлаҳои саволиву амрӣ ва яктаркибаи феълианд, таҳили сохториву маъноӣ намудааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаву натиҷагириҳои мушаххаси муаллиф ҷаъмбаст шудаанд. Дар хулосаи диссертатсия бошад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар панҷ нукта баён намудааст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, баъзе камбудиву норасиҳо ба чашм мерасанд, ба монанди:

1. Дар фишурда мавриди дараҷаи омӯзиш ягон андешаи муҳаққиони форсу тоҷикро наовардаанд, алббата маълум аст, ки муҳаққиқони мо низ нисбат ба ин масъала бетараф набудаанд.
2. Дар диссертатсия назари танқидии муаллиф кам ба чашм мерасад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баъзе мавридҳо роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ андешаҳои танқидии худро баён медошт.
3. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (15, 19, 21) ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Дар маҷмӯъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳоислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи рисола бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пура инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи

талаботи ҷории Космиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи "Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод гардида, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сайдалиева Муҳайё сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дониста шавад.

**Муқарриз:** н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДСРТ Табаров Х.Н.

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30,
Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон

Подпись заверяю
Начальник ОК РТСУ
Давлатов Х.Х.

«Тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҲо ва қисми махсус Давлатов Х.Ҳ.

ОТДЕЛ КАДРОВ